# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо мақсади иҷрои Қарори Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳти №08 аз 1-уми феврали соли 2021 “Дар бораи нақшаи баргузор намудани чорабиниҳои илмӣ ва илмию техникӣ дар муассисаҳои илмии АМИТ барои соли 2021” ва бахшида ба ҷашни 30 солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 28 майи соли 2021 Конференсияи байналмилалии илмиро таҳти унвони “Робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиё ва Аврупо” баргузор менамояд.

Мақсад аз баргузории конференсия баррасии илмӣ ва мавриди муҳокима қарор додани масъалаҳои ҳамкориҳои муштараки Тоҷикистон дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо кишварҳои Осиё ва Аврупо дар замони соҳибистиқлолӣ мебошад.

Дар кори Конференсия масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор хоҳанд гирифт:

1. Робитаҳои мутақобилаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ.
2. Ташаккул ва рушди муносибатҳои дипломатии Тоҷикистон дар давоми 30 соли соҳибистиқлолӣ.
3. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибистиқол, дунявӣ ва ягона аз нигоҳи кишварҳои Осиё ва Аврупо.
4. Ҳамкориҳои муштараки Тоҷикистон бо кишварҳои Осиё ва Аврупо дар самти таъмини амният ва ҳалли хатарҳои замони муосир дар минтақа ва ҷаҳон.
5. Равобити муштараки иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиё ва Аврупо ва нақши он дар рушди кишвар.
6. Равобити адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиё ва Аврупо дар замони соҳибистиқлолӣ.
7. Дастовардҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар раванди муносибат бо кишварҳои Осиё ва Аврупо.
8. Ҳамкории мутақобилаи Тоҷикистон бо кишварҳои Осиё ва Аврупо дар давраи пандемияи COVID-19 ва баъди он.

Матнҳои ирсолшуда бояд таҳрир ва ба талаботи техникии зерин ҷавобгӯй бошанд:

- саҳифаи А4, ҳошияҳо аз тарафи рост 3 см, аз тарафи чап 1,5 см, боло ва поён 2 см;
- ҳуруфи шакли Times New Roman, Times New Roman Tj бо андозаи 14;
- сатри якум ҳарфи аввали ном ва номи падар, насаби муаллиф, дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ, ҷойи кор (таҳсил) дар қавс шаҳр, вилоят;

- сатри дуюм номи маърӯза БО ҲАРФҲОИ КАЛОН бо баробаркунии матн дар мобайни саҳифа;
- сатри сеюм матни асосӣ, ки дар таҳриргари матни MS Word ҳуруфчинӣ шудааст, фосилаи байнисатрӣ – 1,5, баробаркунии матн бо паҳнои саҳифа, истифодаи ҳиҷобандии калимаҳо мумкин аст;
- руйхати адабаиёт дар охири матн баъд аз калимаи “Адабиёт” оварда шуда, бо тартиби алифбо омода карда шавад;
- ишора ба адабиёти истифодашуда дар матн ҳатмӣ буда, ба таври [намуна: 3,25] омода карда шавад, ки дар он ҷо рақами аввал рақами тартибии сарчашма дар рӯйхати адабиёт ва рақами дуввум саҳифаи он бояд бошад;
- ҳаҷми матни маърӯза бо расм, ҷадвал ва рӯйхати адабиёт набояд аз 6 саҳифа зиёд бошад;
- хароҷоти рафтуомад ба зиммаи иштироккунанда мебошад;
- забони кории конференсия: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.

Интихоб ва қабули мақолаҳо ба уҳдаи ҳайати илмии конференсия аст.

Нишони электронӣ барои ирсол кардани мақолаҳо: salimov@osiyoavrupo.tj ё мустақиман ба суроғаи кумитаи тадорукот ирсол намоед.

Охирин муҳлат қабули матни маърӯза 01.05.2021.

Макон ва вақти баргузории коференсия: толори маҷлисгоҳи Раёсати АМИТ соати 09:00.

Маводи конференсия дар шакли маҷмӯаи мақолаҳо ба табъ мерасад.

Суроғаи мо: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо.

Телефонҳо барои тамос: 221-04-77, 92-861-40-27;